# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб» (1924-1991) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзӯи таърихи тиб самти мубрами таърихнигории муосир маҳсуб мешавад, зеро он фаъолияти илмӣ ва назариявии инкишофи ҷомеаро дар бар мегирад, зеро соҳаи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа буда, дар худ рушду инкишофи илм, ихтироъкорӣ, вазъи саломатии ҷомеа ва сабабҳои афзоиш ва камшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Диссертант қисми муҳими таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯи кор овардааст. Кори илмӣ ба соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шуда, хронологияи рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаро дар солҳои 1924 – 1991 дар бар мегирад ва ба ду боб тақсим шудааст. Дар боби аввал «Таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1924-1960», ки аз се зербоб иборат аст, диссертант масъалаҳои барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 20-30-уми асри XX ва заминаҳои шароити бунёдгузории соҳаи тибро мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин дар боби аввал диссертант фаъолияти тибби минтақаи Кӯлобро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар солҳои 1941-1945 таҳлил мекунад. Муаллиф қаҳрамонии табибони минтақаи Кӯлобро дар ин давра нишон дода, махсусан, мубориза онҳоро бо бемориҳои сироятӣ ёдрас мешавад. Дар қисмати охирони боби аввал диссертант ба масъалаи рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60-уми асри XX мегузарад.

Диссертант қайд мекунад, ки солҳои 50-уми асри гузашта бо сабаби дар қаламрави вилояти Кӯлоб зиёд будани бемориҳои сил, бинои кӯҳнаи беморхонаи марказии ноҳия ба санаторияи вилоятии бемориҳои сил табдил дода шуд. То ин замон, бинои нави беморхонаи марказии ноҳия аз ҳисоби

маблағҳои маҳаллӣ ва бо таври ҳашар сохта ба истифода дода шуд. Солҳои 70-ум таъминоти аҳолӣ бо кадрҳои баландихтисоси тиббӣ хеле беҳтар гардида, таъмини пурраи соҳаи тиб бо кадрҳои маҳаллӣ анҷом ёфт. Боби дуввуми рисола «Сиёсати давлати Шуравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар солҳои 1970-1991» ба рушди минбаъдаи соҳаи тиб бахшида шудааст.

Дар зербобҳои он диссертант мавзӯъҳои сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб барои солҳои 1950-1991, мубориҙаи кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон солҳои 1970-1991 ва рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шуравиро баррасӣ менамояд. Дар зербоби охирони рисола диссертант саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар ҶШС Тоҷикистонро нишон дода, қайд мекунад, ки аз нимаи дуввуми солҳои 70-ум қадамҳои аввалини олимони тоҷик ба илми тибби муосир оғоз гардиданд. Дар роҳи таҳқиқи илми тиб саҳми зодаи ноҳияи Совет Қурбонов Мурод, Пиров Абдулло, Олимов Раҳматулло, Аладуст Чобулов, Меҳмонов Пиримқул, Аламхон Ахмедов ва дигар олимони соҳаи тиб хеле калон аст, ки тавонистанд ин самти корро ба сатҳи нави инкишоф бардоранд.

Дар хулосаи мавзӯи рисола диссертант ба хулоса мебиёяд, ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, бо барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар муддати хеле кӯтоҳ барои сохтмони тибби замонавӣ замина гузошта шуд. Муҳимтарин қадам дар ин самт соли 1939 таъсис додани Донишкадаи тиббии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе буд, ки солҳои минбаъда маркази бузургтарини илми тиб, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Миёна гардид. Ташкили низоми тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб бо барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ рост омад ва аввалин табибон дар ин минтақа маҳз табибони ҳарбии Артиши Шуравӣ буданд. Рушди минбаъдаи соҳаи тибро монеаҳои зиёд халалдор мекард ва яке аз ин монеаҳо ҷанги шаҳрвандӣ ва мубориза бо дастаҳои босмачигарӣ буд, ки аз ҳартараф пеши роҳи ҳар гуна

навовариҳои давлати Шуравиро мегирифтанд. Дар давраи охири Шуравӣ тибби тоҷик мустақил шуда, бо мутахассисони маҳаллӣ таъмин гардид.

Таҳлили умумии кори илмӣ нишон медиҳад, ки диссертант мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намудааст ва рисола барои пешниҳод ба дифоъ сазовор мебошад.


**Декани факултети таърих ва ҳуқуқи**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи**
**М. Назаршоев номзади илмҳои**
**таърих, дотсент** **Мамадсалимов Насим Абдулазизович**

**Адрес: 736 000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ВМКБ, ш.Хоруғ, к.Ш.Шоҳтемур 109,**
**тел:2-22-48, e-mail: ksu.khorog.mail.ru**


**Имзои Мамадсалимов Насим**
**Абдулазизовичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев** ________ **Саидраҳмонов Н.С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**«24» 11 2022 с.**